*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

27 январи соли 2018

№ 1-2 (77-78)

# МАРҲАБО, БА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН!

**АСРИ XXI ДАВРОНИ РУШДИ ИЛМУ ТЕХНОЛОГИЯ БУДА, ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ДУРУСТИ ФАРЗАНДОН, АЗХУД КАРДАН ВА ДАР ҲАМАИ САМТҲОИ ЗИНДАГӢ ҶОРӢ НАМУДАНИ НАВИГАРИҲОИ ИЛМУ ТЕХНИКА ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР, ТАШАККУЛИ НЕРУИ СОЛИМУ СОЗАНДАИ ҶОМЕА ШАРТИ АСОСИИ РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДӢ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲУ СИФАТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛИИ КИШВАР МЕБОШАНД.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

## ОЯНДА ДАР ДАСТИ ХУДИ ШУМОСТ, ПАС ОЯНДАРО АЗ ИМРӮЗ БУНЁД НАМОЕД!



**Амонзода Илҳом Темур, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Довталабони гиромӣ!

Имрӯз дар назди ҳар кадоми Шумо масъалае истодааст, ки танҳо интихоби дурусти он метавонад оғози амалишавии орзуҳо ва заминаи боэътимодиояндаи дурахшонатон гардад. Яъне ин масъала интихоби касбиояндаи шумост, ки дар ҳаёти минбаъдаи шахсиатон нақши муҳим хоҳад бозид.

Табиист, ки инсон ҳама вақт бо орзу ва ҳавасҳои зиёд зиндагӣ мекунад. Тавре шоир гуфтааст:

*Зиндагӣ бе орзу ширин набуд,*
*Зиндагиро орзу ширин намуд.*

Бояд гуфт, ки орзу кардан ин ҳанӯз нисфи кор аст. Барои амалӣ гардонидани орзу кӯшишу ғайрат, дастгирӣ кардану муҳайё намудани шароити мусоид шарти зарурист.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки дорои тамоми шароитҳои таълиму тарбия буда, барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир имкониятҳои васеъ дорад, метавонад орзуҳои шуморо амалӣ гардонад.

Донишгоҳи мо барои Шумо имкон фароҳам меорад, ки дар ҳаёти донишгоҳ фаъолона ширкат намоед, иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии худро ҳамчун мутахассисони баландихтисос дар рушду нумуъ ва пешрафти кишвари азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол сарф намоед. Дар робита бо ин суханҳо, ба Шумо - довталабони азиз муроҷиат карда гуфтаниам, ки касби худро дуруст интихоб намоед, зеро интихоби ихтисос тақдирсоз аст. Обрӯю нуфузи ҳар шахс дар касбу кори ӯ таҷассум мегардад. Пеш аз ҳама, қобилияти зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, майлу малакаатонро ба назар гиред. Фикр кунед, ки аз ин касб чи мехоҳед, аз он чиро интизоред, минбаъд чи гуна тарзи ҳаётро интихоб мекунед?

Дар хотир доред, ки одами хушбахт ҳамон аст, ки бо кори дӯстдоштааш машғул асту касбаш мояи ифтихори ӯст!

Мо, роҳбарияти донишгоҳ, Шумо-хатмкунандагони мактабу литсейҳо, гимназияҳо ва довталабони солҳои қаблиро интизорем. Боварӣ дорем, ки Шумо ба шарофати интихоби дуруст ва савияи баланди донишатон имтиҳонҳои Маркази миллии тестиро бомуваффақият супорида, донишҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мегардед. Аз ин хотир, ба ҳар кадоми Шумо дар амалӣ гардидани орзуву нақшаҳоятон барору комёбиҳо таманно дорам.

## ДОНИШГОҲ ДАР НИЗОМИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ ТАҲТИ №"107 МАВҚЕЪ ДОРАД.



Донишгоҳи технологии Тоҷикистон яке аз мактабҳои олии бонуфузи мамлакат буда, дар он тарбия ва тайёр кардани мутахассисони варзидаи дорои тахассуси олӣ дар риштаҳои технологӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ ва дизайн сурат мегирад. Донишгоҳ тибқи Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 1990 фаъолият менамояд.

Айни замон дар сохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара, Гимназия дар шаҳри Кӯлоб ва Литсейи инноватсионии "Душанбе" фаъолият доранд. Дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ бо як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Россия баимзорасида ва бо истифода аз имкониятҳои факултети муштараки тоҷикӣ-россиягӣ, ки дар филиали ДТТ дар шаҳри Кӯлоб амал мекунад, имрӯзҳо зиёда аз 1200 нафар донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои техникию технологӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Иваново, Кострома, Ярославл, Воронеж ва ғайра таҳсили худро аз ҳисоби буҷаи Федератсияи Россия бомуваффақият идома медиҳанд.

Донишгоҳ ҳамкориҳои судмандро бо беш аз 60 таълимгоҳҳои хориҷӣ ба роҳ мондааст.

Ҳоло донишгоҳ дорои китобхонаи замонавӣ бо маҷмӯи зиёди китобҳои муосири ихтисосию тахассусӣ мебошад. Маркази компютерии донишгоҳ, китобхонаи электронӣ, 24 синфхонаи компютерӣ ва зиёда аз 61 синфхонаи муҷаҳҳаз бо технологияи мултимедиявӣ барои гузаронидани машғулиятҳо ва корҳои инфиродии донишҷӯён омода мебошанд.

Дар донишгоҳ Маркази эҷодиёт ва ихтирооти техникии донишҷӯён таъсис дода шудааст, ки дар доираи он донишҷӯёни болаёқат дар чаҳорчӯбаи барномаи ҷустуҷӯ ва дастгирии истеъдодҳо ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб мегарданд.

**Довталабони арҷманд!**

**Бо ёрии барномаҳои Skype ва М-Агент тариқи он-лайн метавонед бо кормандони ДТТ суҳбат намоед.**

**Суроға дар Skype: dovtalab_dtt**

**Суроға дар М-Агент: dovtalab_dtt@mail.ru**

**Хоҳишмандем ҳангоми интихоби таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.**

## ТАСДИҚИ РАМЗИ "СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ"

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ"-ро бо мақсади муаррифии ҳамаҷонибаи иқдоми мазкур тасдиқ намуданд.

Рамзи "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" доирашакл буда, атрофи он бо ҳалқаҳои ҳамранги Парчами давлатӣ иҳота карда шудааст, ки аз соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Дар гирдогирди рамз бо забонҳои тоҷикию англисӣ матни "2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" оро ёфтааст, ки ифодакунандаи моҳияти рамз буда, истифодаи матн бо забони англисӣ барои тарғиби ташаббуси мазкур байни сайёҳон ва кишварҳои хориҷӣ мебошад.

Дар миёни рамз кӯҳҳои осмонбӯсу сарбафалаки Тоҷикистон акс ёфта, дар болои яке аз қуллаҳои кӯҳ рамзи гардиши абадӣ, ки дар ҳунарҳои мардумӣ васеъ истифода мегарданд, ҳамчун хуршеди тобон нақш гирифтааст.

Рамз ҳамчунин обҳои софи кишварро дар худ инъикос карда, расми сайёҳ ва нусхаи офтоба, ки ҳамчун нишони ҳунарҳои мардумӣ мебошад, бозгӯи рушди соҳаи сайёҳӣ, эҳё ва дастгирии ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, воситаҳои ахбори омма метавонанд аз рамзи "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" васеъ истифода баранд.

# ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ-ТЕХНОЛОГӢ



Сентябри соли 1990 дар Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи технологии Тоҷикистон) кафедраи Кимиё таъсис ёфт, ки он барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи саноати хӯроквОрӣ равона карда шуда буд. Соли 1991 бо мақсади ташкил додани кафедраи тахассусӣ тағйироти сохторӣ гузаронида шуд, ки дар он кафедраи Кимиё ба ду кафедра: "Кимиё" ва "Технологияи саноати хӯроквОрӣ" тақсим карда шуд. Ҳоло дар факултет кафедраҳои зерин фаъолият мекунанд: мошин ва дастгоҳҳои маводи хӯрока (МваДИМХ), технологияи истеҳсоли маводи хӯрока (ТИМХ) ва кимиё.

Қайд кардан бамаврид аст, ки факултет дар якчанд барномаҳои байналмилалӣ иштирок менамояд, ба монанди:

- Барномаи таълимии аврупоии TEMPUS JPRS "Модернизатсияи барномаи таълимӣ дар соҳаи бехатарии озуқа дар Осиёи Марказӣ";
- Барномаи мобилии ERASMUS-MUNDUS ACTION 2;
- Барномаи таълимии аврупоии ERASMUS+ "Коркарди барномаҳои таълимӣ", барои зинаҳои бакалавр, магистратура ва кормандони муассисаҳои таълимии олии кишвар
- Барномаи мобилии таҷрибаомӯзии LOGO миёни донишҷӯёни Осиёи Марказӣ дар Олмон

Мувофиқи барномаҳои LOGO, GTS, Global Practicum зиёда аз 30 нафар донишҷӯёни факултети муҳандисӣ-технологӣ барои таҷрибаомӯзӣ ба Олмон сафарбар шудаанд.

Тибқи барномаи GIZ "Ҳамкориҳои барномаҳои байналмилалӣ дар Осиёи Марказӣ" ҳамасола донишҷӯёни факултет дар Донишгоҳи техникии Қирғизистон ба номи А.Раззаков ва дар Донишгоҳи аграрии миллии Қазоқистон барои дарсомӯзӣ ва таҷрибаомӯзӣ фиристода мешаванд.

Соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки 10 нафар донишҷӯёни фаъол ва 2 нафар омӯзгорони ҷавони факултет барои такмили савияи дониши худ дар донишгоҳҳои зикргардида аз фанҳои тахассусӣ дарс меомӯзанд.

Дар ФМТ аз рӯи ихтисосҳои 05.18.12 - Равандҳо ва таҷҳизоти истеҳсоли хӯрока, 05.18.13 - Технологияи консервакунонии маҳсулоти хӯрока ва 05.18.17 -Технологияи маҳсулоти хӯрокаи спиртдор аспирантон тайёр карда мешаванд, ки теъдоди онҳо вобаста аз шакли таҳсил чунинанд: 1 нафар шуъбаи рӯзона, 5 нафар шуъбаи ғоибона ва 3 нафар унвонҷӯй.

Дар кафедраҳои ФМТ 23 нафар омӯзгори штатӣ, аз ҷумла 12 нафар омӯзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмидошта фаъолият мекунанд.

Мувофиқи нақшаҳои таълимии тасдиқшудаи донишгоҳ дар кафедраҳои ФМТ аз рӯи 68 фанни таълимӣ дарс медиҳанд.

Дар факултет толибилмон дар шуъбаи магистратура аз рӯи ихтисосҳои зерин таҳсил мекунанд:

1-54-01-01-05 - метрология, стандартизатсия ва сертификатсия самти хӯрока;

1-91 01 01 - истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки омма.

1-490101 - технологияи нигаҳдорӣ ва коркарди ашёи хӯрока аз растанӣ;

1-490102 - технологияи нигаҳдорӣ ва коркарди ашёи чорво;

Теъдоди донишҷӯёни факултет то 1-уми январи соли 2018 -ум 358 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 28 нафарашон тибқи квотаи Президентӣ таҳсил менамоянд.

**Довталабони гиромӣ, хоҳед, ки мутахассиси варзида шавед, факултети муҳандисӣ-технологиро интихоб намоед.**

***Ф. Бобоев, н.и.т., декани факултет***

## Донишгоҳ аз рӯи ихтисосҳои зерин мутахассисонро тайёр менамояд:

| Ихтисосҳо ва тахассусҳо | | Шакли таҳсил | Мабл. таҳсил, сомонӣ | Рақами кластер |
|---|---|---|---|---|
| **ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ - ТЕХНОЛОГӢ** | | | | |
| 154010105 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯроквОрӣ) | Рӯзона | 4300 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3240 | |
| 1360901 | Мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | Рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ | Рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-490102 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти хоми ҳайвонот | Рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-49010108 | Технологияи ғизои функсионалӣ ва кӯдакона | Рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-910101 | Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | Рӯзона | 4140 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН** | | | | |
| 1-500101 | Технологияи ришта, матоъ, нассоҷӣ ва матои бе тору пуд | Рӯзона | 4300 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3240 | |
| 1-50010101 | Ресидани нахи табиӣ | Рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-50010104 | Технологияи матоъҳо | Рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-50010107 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | Рӯзона | 4300 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3240 | |
| 1-50010105 | Технологияи трикотаж | Рӯзона | 4300 | 1 |
| 1-50010201 | Технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона | 4140 | 1 |
| 1-500102 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона | 4140 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3100 | |
| 1-19010105 | Дизайн (аз рӯйи самтҳо) | Рӯзона | 4800 | 3 |
| 1-1901010504 | Дизайни маҳсулоти бофандагӣ | Рӯзона | 4140 | 3 |
| 1-1901010501 | Дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона | 4140 | 3 |
| 154010104 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | Рӯзона | 4300 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3240 | |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИИ СОҲАВӢ** | | | | |
| 1-400101 | Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ. Тахассусҳои<br>1-4001014 – Системаҳои таъмини бехатарии маълумот<br>1-40010107- Таъминоти математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматикунонидашуда<br>1-40010108 – Муҳандисии барномавӣ | Рӯзона | 4800 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона (1-40010107) | 3600 | |
| 1-40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ | Рӯзона | 4800 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3600 | |
| 1-25011024 | Таъмини иттилоотии бизнес (ФМТУ) | Рӯзона | 4900 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ТОҶИКӢ – УКРАИНӢ «СИСТЕМА ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ»** | | | | |
| 1-40010101 | Системаҷои компютерӣ ва интернет технологияҳо | Рӯзона | 4900 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3600 | |
| 1-40010102 | Системаҳои автоматикунонидашуда | Рӯзона | 4900 | 1 |
| 1-40010103 | Системаҷои компютерии бонкӣ | Рӯзона | 4900 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИ ҶАҲОН ВА МАРКЕТИНГ** | | | | |
| 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | Рӯзона | 4900 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3600 | |
| 1-26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | Рӯзона | 4900 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3600 | |
| 1-25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | Рӯзона | 4900 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ** | | | | |
| 1-25010104 | Иқтисодиёти инкишофи илмию технологӣ | Рӯзона | 4900 | 2 |
| 1-25010201 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | Рӯзона | 4900 | 2 |
| 1-250104 | Молия ва қарз | Рӯзона | 4900 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3600 | |
| 1-250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | Рӯзона | 4900 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3600 | |
| 1-25010107 | Идораи лоиҳаҳо | Рӯзона | 4900 | |
| **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ИНВЕСТИТСИОНӢ** | | | | |
| 1-26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | Рӯзона | 4900 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 3600 | |
| 1-26020208 | Менеҷменти инвеститсионӣ | Рӯзона | 4900 | 2 |
| 1-740105 | Идора ва дипломатияи истифодабарии захираҳои обӣ | Рӯзона | 4900 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ** | | | | |
| 108010110(01) | Таълимоти касбӣ (дизайн), тарҳрезии услуби инсон ва муҳити зист | Рӯзона | 4140 | 1 |
| 108010107(02) | Таълимоти касбӣ (информатика). Дизайни компютерӣ, технологияҳои интернет ва мултимедия | Рӯзона | 4300 | 1 |
| 10801010701 | Таълимоти касбӣ (информатика). Система ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, системаҳои мобилӣ, алоқаи моҳворавӣ ва радиотехника | Рӯзона | 4300 | 1 |
| 108010111(01) | Таълимоти касбӣ (саноати сабук). Технологияи саноати нассоҷӣ ва саноати сабук | Рӯзона | 4140 | 1 |
| 143010601 | Технологияи энергияи самарабахш дар энергетика | Рӯзона | 4300 | 1 |
| 1450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | Рӯзона | 4900 | 1 |

# ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ИНВЕСТИТСИОНӢ



Соли 2014 бо фармони ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон факултети менеҷмент ва модели аврупоии таҳсилот таъсис ёфта буд. Дар моҳи октябри соли 2016 бо тасдиқ шудани сохтори нави донишгоҳ номи факултет ба менеҷменти байналмилалӣ ва инвеститсионӣ иваз карда шуд. Факултет дар айни ҳол мутахассисони соҳаҳои саноати иқтисодиро дар самтҳои гуногун тайёр мекунад. Айни ҳол раёсати факултет мутахассисони дараҷаи бакалаврро аз рӯи ихтисосҳои 1-26020202-менеҷменти байналмилалӣ, 1-26020208-менеҷменти инвеститсионӣ, 1-7405010501-идора ва дипломатияи истифодаи захираҳои обӣ, 1-25010301-идоракунии фаъолияти иқтисоди берунӣ, ки бо забони англисӣ таълим мегиранд, тайёр мекунад. Факултет дорои ду кафедра: менеҷменти байналмилалӣ ва забонҳои хориҷӣ мебошад.

Дар факултет 36 нафар омӯзгорон, ки аз онҳо 3 нафар профессорон, 6 нафар дотсент, 6 нафар муаллими калон ва 21 нафарашон ассистент мебошанд, фаъолият менамоянд, ки ҳамаашон дорандаи сертификати байналмилалӣ мебошанд.

Донишҷӯёни факултет дар чорабиниҳои сатҳи донишгоҳӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида, сазовори ҷойҳои намоён гардидаанд. Соли 2017 донишҷӯи курси якуми ихтисоси 1-25010301анг. Назарова Томирис дар озмуни беҳтарин Бизнес- нақша, ки аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, сазовори ҷои 2-юм гардид. Донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-26020202р Ҳамидова Маҳина бошад, дар соли таҳсили 2016 дар олимпиада аз фанни забони русӣ, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ гузаронида шуд, сазовори ҷои 2-юм гардид. Инчунин донишҷӯёни факултет дар озмуни дохилидонишгоҳӣ натиҷаҳои беҳтаринро ба даст оварданд.

**Довталабони гиромӣ! Агар Шумо мутахассисони рақобатпазири замони муосир шудан хоҳед, факултети менеҷменти байналмилалӣ ва инвеститсионии донишгоҳро интихоб намоед.**

***Т. Рабиева,***
***декани факултет,***
***номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент***

# ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН



Факултети технология ва дизайн (собиқ факултети саноати сабук) соли 1990 дар як вақт бо таъсис ёфтани донишгоҳ ташкил шудааст.

Сохтори факултет аз ду кафедра - технологияи маснуоти нассоҷӣ ва кафедраи дизайни либос ва санъати мӯд иборат аст.

Саноати нассоҷии ватанӣ, ки қаблан соҳаи пешбари хоҷагии халқи мамлакат буду имрӯз дар рушд аст, ба миқдори зиёди муҳандисонтехнологҳои дараҷаи касбиашон баланд ниёз дорад. ФТ ва Д, ки ба тайёр намудани бакалаврҳо (кадрҳои муҳандисӣ), магистрҳо ва докторантони phD барои соҳа машғул аст, дар ҳалли ин масъалаи таъхирнопазир саҳм мегузорад.

Бакалаврҳо (муҳандисон)-и саноати нассоҷӣ бояд дар самтҳои тарҳрезии ресмонҳо ва матоъҳои таъиноташон гуногун, истеҳсоли онҳо дар шароити саноати муосир, тарҳрезӣ намудани фабрикаҳои нассоҷии бунёдшаванда, такмил додани истеҳсолоти мавҷуда ва ташкили истеҳсолоту меҳнат соҳибмалака бошанд. Машғулиятҳо дар озмоишгоҳи технология ва масолеҳшиносии нассоҷӣ, ки бо асбобҳои санҷишию дастгоҳҳои истеҳсолӣ таҷҳизонида шудаанд, мегузаранд. Таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён ва қисман машғулиятҳои амалию озмоишӣ аз фанҳои тахассусӣ дар ҶММ ИИ "Нассоҷии тоҷик", ки дар пойтахт калонтарин корхонаи нассоҷӣ ба ҳисоб меравад, гузаронида мешаванд. Кафедраҳои факултет дар самти таҷрибаомӯзии донишҷӯён бо корхонаҳои саноатии ҶТ, аз ҷумла бо ҶММ "Истиқлол-2011" ш. Ҳисор, ҶММ "Хима-Текстил", ҶММ "Ваҳдат", ҶММ "Рамзи Аминҷон", ҶММ ИТС НФР "Катон"-и н. Ёвон, ҶММ "Ҳосилот" н. Рӯдакӣ, ҶММ "Утоган КА" - и ш. Турсунзода, ҶММ "Дунёи Нав" коргоҳи истеҳсолии ш. Душанбе корхонаҳои дӯзандагии "Гулистон", "Ёқут", "Суман" шартномаҳои тарафайнро ба имзо расонидааст.

Кафедраи дизайни либос ва санъати мӯд аз соли 1991 фаъолият дошта, масъули ташкили раванди таълим барои ихтисосҳои равияи 1-50 01 02 02 ва 1 -19 01 01 05 мебошад.

Хатмкардагони ихтисоси 1-50 01 02 02 - тарҳрезии маснуоти дӯзандагӣ соҳиби дараҷаи касбии "Бакалаври техника ва технология"-и истеҳсолоти дӯзандагӣ мегарданд ва хатмкунандагони ихтисоси 1-19 01 01 05 - дизайни сару либос ва газвор ба дараҷаи касбии "Бакалавр - тарроҳ"-и соҳаи дизайн соҳиб мегарданд. Тадриси фанҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои номбурда дар синфхонаҳои махсусгардонидашуда, студияҳои таърихи санъат, қаламкашӣ, рангкашӣ, дизайн, инчунин озмоишгоҳҳои муосири таълимӣ-истеҳсолии дӯзандагӣ сурат мегирад. Дар давоми таҳсил онҳо қоидаю усулҳои таҳияи тамсилаҳои (моделҳои) нави асосашон таърихӣ, анъанавӣ ва муосир, шаклбурӣ (пора) намудани масолеҳ барои либоси шакл ва андозаш гуногун, дар шароити хонаю ателйе (ба таври супоришӣ) ва саноатӣ (бисёрададӣ) дӯхтани онҳоро меомӯзанд. Бо мақсади пеш бурдани фаъолияти эҷодӣ ва ба роҳ мондани тарбияи эстетикии донишҷӯён дар назди кафедраи Дизайни либос ва санъати мӯд Маркази таълимӣ-тренингии театри мӯди "Тобон"-и назди Наврӯзгоҳи пойтахт фаъолият дорад.

**Довталабони азиз, агар шумоён барои рушди саноати нассоҷӣ ва сабуки ҷумҳурӣ ба ҳайси мутахассис саҳм гузоштан хоҳед, ихтисосҳои факултети технология ва дизайнро интихоб намоед.**

***Х. Иброҳимов, д.и.т., профессор, декани факултет***

# ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИИ СОҲАВӢ

Дар замони муосир технологияҳои иттилоотӣ ботадриҷ ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии бисёр мамлакатҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистони азизамон, ворид гашта, ба яке аз воситаҳои калидии инкишофи босуръати ба технологияҳои муосир асосёфтаи иқтисодиёт табдил мееёбанд. Махсусан дар замоне, ки Тоҷикистон шакли инноватсионии рушдро интихоб намудааст, IT-технологияҳо мавқеи хоссаро ишғол менамоянд.

Факултети технологияҳои иттилоотии соҳавии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар кишвар ҳамчун яке аз марказҳои пешбари дониш, малака ва омода намудани мутахассисони баландихтисос дар самти IC-технологияҳо маҳсуб меёбад. Як қатор барномасозон ва мутахассисони пешрави Тоҷикистон хатмкардагони ҳамин факултетанд.




Айни замон дар факултет мутахассисони сатҳҳои бакалавр ва магистр, инчунин докторони PhD омода карда мешаванд.

Шахсоне, ки яке аз ихтисосҳои факултетро бомуваффақият хатм менамоянд, метавонанд дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо, аз ҷумла дар сохторҳои вазоратҳои қудратӣ, ки барои ҳифзи иттилооти пӯшидаи давлатӣ масъуланд, хадамоти гумрук, мақомоти андоз, бонкҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳои молиявӣ, провайдерони интернет ва алоқаҳои мобилӣ ва дар дигар корхонаю ташкилотҳои саноатӣ, энергетика, савдо, алоқа, нақлиёт, инчунин пажуҳишгоҳҳои илмӣ - тадқиқотӣ кори мувофиқ ва арзандаро ёбанд.

**Довталабони азиз, агар хоҳед, ки дар оянда мавқеи мустаҳками хешро дар ҳаёти муосири ба IT-технологияҳо асосёфта биёбед ва саҳми босазои худро дар рушди устувори кишвари азизамон гузоред, ихтисосҳои факултети технологияҳои иттилоотии соҳавии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намоед!**

***С. Ашӯров, д.и.и., декани факултет***

# ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ

Факултети менеҷменти молиявӣ ва инноватсионӣ яке аз калонтарин факултетҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад.

Хатмкардагони ихтисосҳои факултет дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла дар ташкилотҳои молиявию иқтисодии байналхалқӣ, Вазорати молия ва идора ва шуъбаҳои молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар вилоят, шаҳру ноҳияҳо, дар Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ ва нозироти андоз дар шаҳру ноҳияҳо, Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарзӣ, ташкилотҳои суғурта, корхонаҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолият карда метавонанд.



Ба сохтори факултет 3 кафедра дохил мешавад: кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушд; иқтисодиёт ва идора; молия ва қарз.

Дар кафедраҳои факултет аз ҷониби олимон ҳамасола оид ба муаммоҳои мубрами соҳаи иқтисодиёт корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бурда мешавад. Дар назди факултет семинари илмии "Иқтисодиёти Тоҷикистон: назария ва амалия" амал менамояд, ки дар он ҳар моҳ як маротиба омӯзгорони факултет бо маърӯзаҳо баромад мекунанд. Роҳбарии семинари илмии доимоамалкунандаро Академики АИ ҶТ, д.и.и., профессор Раҳимов Р.К. ба уҳда дорад.

Маркази компютерии факултет бо 26 компютери замонавӣ ҷиҳозонида шуда, ба шабакаи интернет пайваст карда шудаанд. 7 синфхонаи факултет бо проектор ва тахтаҳои электронӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Дар назди факултет маҳфилҳои илмии донишҷӯён бо номҳои "Муҳосиби ҷавон", "Иқтисодчии ҷавон", "Молияшиноси ҷавон" ва "Бозиҳои расмии касбии бонкдорӣ ва таҳлили молиявӣ" амал менамоянд.

Айни ҳол дар факултет зиёда аз 850 нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд.

***А. Ҳасанов, н.и.и., декани факултет***

# ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ

Дар шароити кунунӣ, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст моро зарурат пеш омадааст, ки ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти рақобати илму техника корҳои таҳқиқотию амалиро вусъат бахшида, ҳамзамон баҳри омӯзиш ва татбиқи технологияҳои муосир шароити мусоид фароҳам орем.

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар оинаи дурнамоест, ки роҳи моро бароиояндаи нек муайян мекунад ва ҳар чи бештар омӯхтан ва омӯзондани донишҳои пешрафтаи оламро дар ин самтҳои афзалиятнок таъкид менамояд.

Пешрафти илму техника ва татбиқи мақсадноки он дар тамоми соҳаҳо яке аз нуктаҳои асосии Паёми имсолаи Президенти муҳтарами кишвар мебошад.

Факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ дар тайёр кардани мутахассисони соҳаи энергетика яке аз марказҳои муҳимтарини таълимӣ ба ҳисоб меравад. То имрӯз чандин хатмкардагони факултет дар соҳаҳои хоҷагии халқ аз рӯи ихтисоси телекоммуникатсия ва энергетика фаъолият бурда истодаанд. Нақшаву барномаҳои дурнамои рушди кишвари азизамон бозгӯи он аст, ки дарояндаи наздик бидуни соҳаи телекоммуникатсия ва энергетика ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ягон пешрафти иқтисодию саноатӣ дастёб намегардад. Зеро барои мутахассиси варзидаи ҷаҳони муосир татбиқи технологияҳои иртиботӣ тавассути манбаъҳои таъминкунандаи энергия хеле муҳим ва воқеӣ арзёбӣ мешавад. Дастрасии иттилоот дар ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз ба василаи технологияҳои иртиботӣ сурат мегирад. Бо назардошти чунин ниёзҳои соҳавӣ факултети мо тайёр кардани мутахассисонро дар ин самт аз вазифаҳои стратегии худ меҳисобад.



Факултет аз соли 2012 пайваста барои тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои телекоммуникатсия, менеҷменти энергетикӣ ва таълимоти касбӣ роҳу воситаҳои афзалиятноки таълими муосирро татбиқ карда истодааст.

Дар факултет то имрӯз аз рӯи 6 ихтисос 420 донишҷӯ дар шакли рӯзона таҳсил менамоянд. Ҳамзамон зиёда аз 10 дарсхонаи таълимӣ, се озмоишгоҳ ("Мехатроника, Физика, Манбаъҳои ғайрианъанавии энергия"), ду синфхонаи компютерӣ дар ихтиёри факултет мебошад, ки дар онҳо донишҷӯён таҷрибаҳои тахассусӣ мегиранд.

Барои таълими самараноки таҳсил дар факултет се кафедра мавҷуд аст, ки дар онҳо 35-нафар устодони пешқадам фаъолият менамоянд ва аз ин миқдор 2-нафарашон доктори илм, 12-нафар номзади илм ва 18-нафарашон омӯзгорони ҷавон мебошанд.

Факултет дар асоси шартномаи тарафайн бо ширкатҳои мобилии ҶСП Tcell, Beeline, T Mobil, ҶСК "Тоҷиктелеком", Ширкати холдингии "Барқи тоҷик", Шабакаи барқии шаҳри Душанбе, Тоҷикстандарт, Кумитаи радио ва телевизиони назди Ҳукумати ҶТ ва телевизиони Душанбе ҳамкории доимӣ дошта, дар ин муассисаҳои давлатӣ донишҷӯён таҷрибаомӯзӣ гузашта, ҳамзамон мутахассисони онҳо ба донишҷӯён аз фанҳои таълимӣ машғулиятҳои амалӣ ва лексионӣ мегузаронанд.

Донишҷӯёни факултет дар озмуну барномаҳои телевизионӣ аз рӯи ихтирои ҳар гуна бозёфтҳои техникӣ иштирок менамоянд. Бо сарварии роҳбари озмоишгоҳи "Мехатроника" И. Ҳақёров 5-нафар донишҷӯён дар озмуни ихтироъкорони "Бозёфт", ки телевизиони Баҳористон ташкил карда буд, иштирок намуда, соҳиби 3 диплом гардиданд.

Дар соли таҳсили 2015-2016 донишҷӯи факултет Рустам Сайфуллоев дар озмуни лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки дар Вазорати маориф ва илми ҶТ доир гардида буд, иштирок карда, дар байни 15 лоиҳа лоиҳаи беҳтарин ҳисобида шуд.

Факултет бо донишгоҳҳои шаҳрҳои Санкт-Петербург ва Томски Федератсияи Русия ҳамкории доимӣ дорад.

***М. Насриддинов, н.и.и., декани факултет***

# ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ТОҶИКӢ-УКРАИНӢ "система ва технологияҳои компютерӣ"



Бо назардошти ҳуҷҷатҳои баимзорасидаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина, инчунин мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо фармони вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 74 аз 26.06.2008 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон факултети муштараки тоҷикӣ-украинӣ таъсис дода шуд, ки он аз 1-уми сентябри соли 2008 ба фаъолият шурӯъ намуд. Донишгоҳ бо пешниҳоди Маркази украинии давлатии таҳсилоти байналмилалии Украина назди Вазорати маориф ва илми Украина таъсиси факултети навро дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии техникии Тернопол ба номи Иван Пулюя муфид шуморид, ки пас аз мувофиқаи самти тайёр намудани мутахассисон онро чунин номгузорӣ намуд: Идораи кормандон ва технологияи муосири пешбаранда. Айни ҳол факултет бо номи система ва технологияҳои компютерӣ фаъолият намуда, аз рӯи ихтисосҳои:

1-40010101 - системаҳои компютерӣ ва интернет - технологияҳо;

1-40010102 - системаҳои автоматикунонидашуда;

1- 40010103 - системаҳои компютерии бонкӣ, бакалавр тайёр менамояд.

Зимни таҳияи ҳуҷҷатҳо омодагии факултети муштараки тоҷикӣ-украинӣ ба инобат гирифта шудааст, ки донишҷӯёни факултети мазкур метавонанд дар ду марҳила, яъне дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (то 2 сол) ва баъд аз он ба Донишгоҳи давлатии техникии Тернопол ба номи Иван Пулюя интиқол дода шаванд. Таҳсил дар Украина метавонад бо забонҳои русӣ, украинӣ ва англисӣ сурат гирад, ки донишҷӯён дар интихоби забони таҳсил озод мебошанд.

Факултети муштараки тоҷикӣ - украинӣ дар бинои нави ҳозиразамон ҷойгир шуда, синфхонаю озмоишгоҳҳои он бо техникаю технологияи муосир таҷҳизонида шудаанд.

Айни ҳол дар факултет 350 нафар донишҷӯён таҳсил намуда, дар назди кафедраҳои факултет семинари илмӣ-тадқиқотӣ ва маҳфили илмӣ - маърифатӣ амал менамоянд. Факултет бо як қатор муассисаҳои бонуфузи соҳаи иттилоотӣ - коммуникатсионии кишвар ҳамкориҳои судманд дорад.

***Г. Неъматова, н.и.ф.м., декани факултет***

# ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН ВА МАРКЕТИНГ

Факултети иқтисодиёти ҷаҳон ва маркетинг, ки зерсохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, вазифааш тайёр намудани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои 1-26020305 - маркетинги байналхалқӣ, 1-25010301 идораи фаъолияти иқтисодиёти берунӣ ва 1-25010304 - идораи сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад.

Айни замон дар факултет 585 нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд, ки 115 нафари онҳо хатмкунандагон ба ҳисоб мераванд.

Дар сохтори факултет кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалӣ ва кафедраи фаъолияти иқтисодии берунмарзӣ амал мекунанд.

Дар омода намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир саҳми мактабҳои илмӣ калон аст. Аз ҷумла, таҳти роҳбарии профессор Абдуғаффор Рауфӣ мактаби илмии Трансформатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон ва таҳти роҳбарии д.и.и., профессор



Усмонова Туҳфа Ҷумаевна мактаби илмии Маркази идораи лоиҳаҳои илмиасоси донишҷӯён фаъолият менамоянд. Ҳамчунин таҳти сарварии омӯзгорони ҷавон донишҷӯён дар маҳфилҳои "English economic club" ва "Бозори рақобатпазир" бо таҳлили бозорҳои кишвар, гузаронидани тадқиқотҳои маркетингӣ, пешгӯиҳои хавфҳои иқтисодӣ ва татбиқи таҷрибаҳои бозорҳои кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон машғул мебошанд.

Айни ҳол якчанд донишҷӯён ва устодони ҷавони факултет дар доираи лоиҳаи байналмилалии "Erasmus Mundus Target" таҳсилашонро дар мамлакатҳои бонуфузи Аврупо давом дода истодаанд.

Хатмкардагони факултет дар муассисаҳои бонуфузи кишвар ба монанди Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати корҳои хориҷии ҶТ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ, ҶСК "Ориёнбонк", "Амонатбонк" ва дигар бонкҳои байналмилалию минтақавӣ фаъолият менамоянд.

Таҳсил дар факултет тибқи низоми кредитӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин раванди таълим дар ташаккули шахсияти озодандеш, эҷодкор ва созанда имкониятҳои нав ба нав мекушояд.

Заминаи моддӣ-техникии факултет имкон медиҳад, ки донишҷӯён аз рӯзи аввали ба донишгоҳ қадам гузоштан таҳти сарварии устодони бомаҳорат дар фазои эҷодкорӣ ва навоварӣ соҳиби маҳорату малакаи тахассусӣ гардида, лаёқати худро мунтазам сайқал дода тавонанд. Таҳсил дар факултет дар асоси буҷаи давлатӣ, тибқи квотаи Президентӣ ва тариқи шартномавӣ сурат мегирад.

**Марҳамат, ба факултети иқтисодиёти ҷаҳон ва маркетинг!**

***А. Сатторов, н.и.и., декани факултет***



Ҳунарнамоии ансамбли «Нури Роғун»-и донишгоҳ



Намоиши сару либос



Ғолибони олимпиадаҳои фаннӣ, мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ

Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:

Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ҳакимов Ғ.Қ., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

*Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 3000 нусха.*